**ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ**

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Абдуллоева Гулноза Абдуҷаборовна дар мавзуи «Таҳлили иқтисодӣ-омории рушди сохтмони манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08.01 – Омор**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Хоҷаев П.Д. (раиси комиссия), доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қодирзода Д.Б. (аъзо) ва номзади илмҳои иқтисодӣ Аҳмадзода Ф.М. (аъзо), ки бо қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 15-уми январи соли 2025, суратҷаласаи № 97а таъсис дода шуда, пешниҳоди диссертатсияи Абдуллоева Гулноза Абдуҷаборовна дар мавзуи "Таҳлили иқтисодӣ-омории рушди сохтмони манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"-ро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08.01 – Омор баррасӣ намуда, хулосаҳои зеринро баровардaнд:

1. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллоева Гулноза Абдуҷаборовна дар мавзуи «Таҳлили иқтисодӣ-омории рушди сохтмони манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» муҳим, тақозои замон, саривақтӣ ва актуалӣ буда, таҳқиқоти илмии баанҷомрасида дониста шуда, меҳнати ихтисосмандонаи муаллиф ба шумор меравад, ки он ҳалли муаммоҳои афзалиятноки илмӣ-назариявӣ, ташкилӣ-методии таҳлили иқтисодӣ-омории рушди сохтмони манзилро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегирад.

Сохтмони манзил ба афзоиши таъминнокии аҳолӣ бо манзил ва таъсиси ҷойҳои корӣ мусоидат намуда, ба вазъи демографӣ ва устувории иҷтимоӣ дар ҷомеа таъсир мерасонад. Фаъолияти соҳаи сохтмони манзил ба хусусиятҳои шароити манзилии аҳолӣ таъсири назаррас мерасонад ва он ба низоми нишондиҳандаҳо барои баҳодиҳии индекси рушди инсонӣ (ИРИ), ки Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид (СММ) дар муқоисаи байнидавлатӣ истифода мебарад, дохил мешавад.

Таваҷҷуҳи давлат ба масъалаҳои бахши манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳия ва татбиқи барномаҳои давлатии ҳавасмандгардонии сохтмони манзил, "Стратегияи рушди соҳаи сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" ва дигар барномаҳо инъикос ёфтааст. Бо вуҷуди ин, сатҳи таъминнокии аҳолӣ бо манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз ҳам аз кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта дар сатҳи на он қадар ҷавобгӯ қарор дорад. Буҳрони молиявии ҷаҳонӣ боиси таҳдиди мушкилот дар рушди маҷмуи сохтмони ҷумҳурӣ гардид, ки аввал коҳиши суръати баланди афзоиши сохтмони манзил ва, сипас, пастравии ҳаҷми манзили ба истифода

додашударо ба миён овард. Шаҳри Душанбе дар байни шаҳрҳои ҷумҳурӣ аз рӯи ҳаҷми сохтмони манзил мавқеи пешсафро ишғол намуда, тақрибан сеяки хонаҳои истиқоматии ҳар сол ба истифода додашавандаро ташкил медиҳад. Аммо, дар солҳои охир, ҳаҷми манзили ба истифода додашаванда коҳиш ёфта, сатҳи рушди сохтмони манзил дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ фарқияти назаррасро нишон медиҳад. Ин ихтилофи баланди рушди бозорҳои минтақавӣ татбиқи сиёсати ягонаи давлатиро, ки ба фароҳам овардани шароит барои афзоиши ҳаҷми сохтмони манзил, баланд бардоштани дастрасии он ва сатҳи таъминнокии манзилии аҳолӣ равона шудааст, мушкил месозад.

Барои таҳияи низоми самараноки дастгирии бахши манзил ва таҳлили омилҳои гуногуне, ки ба тағйири шароити манзилии аҳолӣ таъсир мерасонанд, таҳқиқоти васеи таҳлилӣ заруранд. Ҳамзамон, эҳтиёҷ ба такмил додани усулҳои методологии таҳлили омории вазъ ва тамоюлҳои рушди соҳаи сохтмони манзил, инчунин, пешгӯии нишондиҳандаҳои асосии рушди он эҳсос мешавад. Ҳамаи ақоиди дар боло зикргардида зарурияти мавзуи интихобшудаи тадқиқоти диссертатсиониро муайян менамояд.

Зарурати мукаммалгардонии методикаи таҳлили иқтисодӣ-омории динамика ва пешгӯинамоии нишондиҳандаҳои калидии истифодаи самаранокии энергетикӣ актуалӣ будани мавзуи диссертатсияро муайян менамояд.

2. Диссертатсия тибқи талаботи банди 61 Низомномаи Шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) иҷро гардидааст. Диссертатсия дар кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинги МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" иҷро гардида, дар кафедраи мазкур муҳокима ва ба зинаи минбаъда тавсия дода шудааст.

3. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илм, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи таҳлили иқтисодӣ-омории рушди сохтмони манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад, ки он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

4. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 08.00.08.01 – Омор, ки вобаста аз он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми декабри соли 2021, таҳти № 349 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи

Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, № 6 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

5. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 10 корҳои илмӣ дар ҳаҷми 7,04 ҷ.ч. нашр гардида, аз инҳо 5 мақола дар маҷаллаҳо (нашрияҳо)-и илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки пурра мазмуну мухтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос менамоянд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-уми "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли гузоришҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ пешкаш гардида, дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ дар МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров", Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима ва баррасӣ шудаанд.

Муқаррароти диссертатсия дар ҷараёни таълими Донишкадаи илмҳои дақиқ ва технологияи Тоҷикистон зимни таълими фанҳои омори бозори манзил, омори иҷтимоӣ ва омори иқтисодӣ (маълумотномаи № 103 аз 11 июни соли 2024-ум) истифода карда мешавад.

Бархе аз муқаррароти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ барои истифодабарӣ дар фаъолияти амалии филиали Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди "Шаҳр Сохтмон" (маълумотномаи № 123/1 аз 18 марти соли 2024-ум) қабул карда шудааст.

6. Дар диссертатсияи Абдуллоева Г.А. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" гувоҳӣ медиҳад.

7. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Абдуллоева Г.А. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла, дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопнагардида мавҷуд нест.

Асолати матни автореферати диссертатсия 8% ва диссертатсия 77,85% аз ҳаҷми умумии корро ифода мекунад, ки бо маълумотнома тасдиқ карда шудааст. Иқтибосҳо ба расмият даровардa шуданд.

8. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои натиҷаҳо ва муқаррароти нави

илмии барои ҳимояи расмӣ пешниҳодшаванда мебошад ва аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар илми иқтисодиёт шаҳодат медиҳад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Абдуллоева Гулноза Абдуҷаборовна дар мавзуи «Таҳлили иқтисодӣ-омории рушди сохтмони манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08.01 – Омор баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ,

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Абдуллоева Гулноза Абдуҷаборовна дар мавзуи «Таҳлили иқтисодӣ-омории рушди сохтмони манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08.01 – Омор ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 08.00.08.01 – Омор мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Эргашева Моҳира Абдулложоновна** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, профессори кафедраи омори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
- **Холов Рустам Шермаҳмадович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон тавсия дода мешавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент **Ҳоҷаев П.Д.**

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор **Қодирзода Д.Б.**

номзади илмҳои иқтисодӣ **Аҳмадзода Ф.М.**

«19» июни соли 2025